«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

__________ Насриддинзода Э.С.

«10» 03 2026

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, ба: 10. Асосноккунонии пешниҳодот ва дурнамои рушди комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ; 16. Масъалаҳои иқтисодии ташкил ва фаъолияти бизнеси хурд ва миёна дар КАС ва деҳот; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 34. Ташаккул ва рушди КАС дар сохтори диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 39. Рушди устувори деҳот ва махсусиятҳои инфрасохтори иҷтимоии он.

## 2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҳамчун низоми муҳиму мураккаби таъминкунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, рушди бомароми инфрасохтори иҷтимоии деҳот соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии дилхоҳ минтақаро бо ҳам талъам намуда, инчунин робитаҳои иқтисодии минтақаҳои мамлакатро барои иштирок дар татбиқи ҳадафҳои стратегии мамлакат таъмин менамояд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2025 зиёда аз 75% аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳалҳои деҳот истиқомат менамоянд ва зиёда

60% онҳо дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ, захираҳои инсонӣ ва иштирок дар сохтори истеҳсолии маҳсулоти кишоварзии мамлакат, ҳамчун объекти таҳқиқоти - илмӣ хусусиятҳои хоси худро доро буда, дар он 2249,8 ҳазор нафар аҳолӣ дар 9 ноҳия, 4 шаҳр, 16 шаҳрак ва 99 ҷамоати деҳот истиқомат менамоянд, ки зиёда аз 60% аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ машғул мебошад. Ин рақамҳо собит менамоянд, ки сатҳи мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ фазои мураккаб ва объекти мустақими фаъолияти хоҷагидориро фарогир мебошад, инчунин таҳқиқи масъалаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он дар шароити зудтағйирёбии сохтори бозори истеъмолӣ ва истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ҷолибияти интихоби услуб ва равишҳои муосири таҳқиқоти илмиро тақозо менамояд.

Дар шароити муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз зарурати таъмини шароитҳои баробари зиндагӣ ва шароитҳои шуғли пурмаҳсул барои аҳолии шаҳр ва деҳот, коҳиш додани тафриқаи нобаробариҳои дастрасӣ ба хизматрсониҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои рушди минтақавӣ, инчунин ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи кишоварзӣ иборат мегардад. Ҳамзамон, рушд ва таҷдиди технологии мунтазами объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар баландбардории сатҳи самаранокии корхонаҳои кишоварзӣ мавқеи калидӣ дорад. Эътироф гардидааст, ки рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар баландбардории ҳосилнокии меҳнат, беҳтаргардонии рентабелнокии фаъолияти хоҷагидорӣ, афзоиши маҳсулнокии меҳнати кишоварзӣ, таъсиси форматҳои нави шуғли кишоварзӣ дар раванди трансформатсияи иқтисодиёти рақамӣ, татбиқгардонии ақидаҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат алоқамандкунандаи равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мебошад.

Мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот барои иқтисодиёти аграрии мамлакат масоили наву падидаи ғайримуқаррарӣ нест, аммо дар солҳои охир вобаста ба рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, тағйирёбии моделҳои шуғл, гузариш ба кишоварзии устувор ва зарурати мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим боз ҳам муҳимтар шуда истодааст. Дар ин шароит, инфрасохтор на танҳо ба унсури ёрирасон, балки ба захираи стратегӣ ва платформа барои рушди инноватсионии деҳот табдил меёбад. Аз ин нуктаи назар, таҳлилу натиҷагирӣ аз механизми рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҷиҳати баландбардории сатҳи самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзӣ таҳқиқ гардида, мушкилоти ҷойдошта ошкор гардида, инчунин методҳо ва имкониятҳои мавҷудаи ҳаллу бартарафсозии онҳо бо таваҷҷӯҳ ба иқтидори зеҳнии аҳолии маҳалҳои деҳот таҳия карда шудааст. Инчунин, ҷиҳати таъмини самаранокии истеҳсолоти корхонаҳои кишоварзии ноҳияҳои тобеӣ ҷумҳурӣ таҷдиди технологӣ ва ташкили объектҳои хизматрасониҳои

инноватсионии инфрасохтори иҷтимоии деҳот мавриди баррасии илмию таҳқиқотӣ қарор дода шудааст, ки сатҳи баланди мубрамияти мавзуро асоснок менамояд.

Новобаста аз сатҳи нокифояи таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ, докторант тавонистааст, ки тавассути услуби инфиродӣ, масъалагузории дуруст ва нигоҳи воқеӣ ба масъалаҳои таъминкунандаи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот нигоҳи нави илмию таҳқиқотӣ зоҳир намуда, барои таҳқиқи мавзуи мубрами иқтисодиёти кишоварзии мамлакат ҳадаф ва вазифаҳои мушаххасро бо назардошти пайдарҳамии мантиқи интихобу ҳаллу фасл намояд.

### 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти илмӣ-амалии онҳо)

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бо эътимоднокии маълумоти истифодагардида, миқдори лозима ва ҳаҷми зарурии маводи таҳқиқот, ҷамъоварии маълумоти назариявӣ ва воқеӣ, инчунин коркарди дурусти онҳо, таҳлили сарчашмаҳои иттилоотӣ барои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он дар сатҳи минтақавӣ, истифодаи сабки хосаи инфиродии таҳқиқотӣ бо назардошти технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, интишори натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии сатҳи гуногун асоснок гардидааст. Инчунин, дар асоси натиҷаҳои ба дастовардашуда ва мушоҳидаҳои воқеӣ, хулосаҳои мушаххасу тавсияҳои амалиро докторант тариқи пайдарҳамии мантиқӣ ва сабки хоса дар матни рисолаи диссертатсионии худ ҷой намудааст.

### 4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда

Навгониҳои илмии докторант мушахассоти натиҷаҳои илмии бадастовардашуда буда, тавассути сабку услуби таҳқиқотӣ мавқеи илмии муҳаққиқ муайян гардидааст. Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ба докторанти фалсафа муяссар гардидааст, ки дар мавзуи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» чунин навгониҳои илмиро бо назардошти таҳаввулоти назариявӣ, вазъи муосир ва пайомадҳои стратегии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таҳия намояд:

1. Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва номукаммалии раванди таҷдиди технологии инфрасохтори иҷтимоӣ, ки татбиқи функсионалии объектҳои инфрасохториро боз медорад, тавассути методи инфиродӣ, докторанти фалсафа паҳлӯҳои назариявӣ ва методии онро васеъ намуда, фаҳмиши илмии инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар алоқамандӣ бо масъалаҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ, чорабиниҳои амиқ ба монанди: ташкили ҷойи корӣ, рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ва маблағгузории онҳо тавсия намудаст. Албатта, чунин навгонии илмӣ шароит фароҳам меоварад,

ки инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҳамчун категорияи иқтисодӣ шинохта шуда, дар афзоиши нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ, бахусус рушди устувори иқтисоди КАС нақши ҳамоҳангкунанда дошта бошад.

2. Навгонии дуюми докторанти фалсафа Исматуллозода С. И. дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои назариявии намояндагони мактабҳои иқтисодии ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми илмии инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба тавсиф расидааст. Вобаста ба гуногунандешӣ ва тасаввуроти гуногунсамти доштани фаҳмиши инфрасохтори иҷтимоии деҳот, докторанти фалсафа ақидаи инфиродии худро оид ба мафҳуми илмии инфрасохтори иҷтимоии деҳот таҳия намудааст (саҳ.21). Дар ҳақиқат, ақидаи докторант ҷолибияти илмӣ дошта, чунин менамояд, ки инфрасохтори иҷтимоии деҳот тибқи таъиноти функсионалии худ маҷмуи объектҳои қонеъгардонии талаботи аҳолии деҳот мебошанд ва таъминкунандаи такрористеҳсоли ҷамъиятӣ мебошад, ки ин асоси рушди иқтисоди КАС дар ҳамаи давру замон таъмин карда метавонад.

3. Мусаллам аст, ки дар асоси вусъатёбии воридшавии технологияҳои рақамӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ, тағйирёбии иқлим ва дигаргуншавии сохтори бозори истеъмолии аҳолӣ таҳияи принсипҳои муассири рушди иҷтимоии аҳолии деҳот зарур мегардад. Навгонии сеюми докторант вобаста ба таҷрибаи муваффақи мамлакатҳои хориҷӣ ва аз натиҷаи тағйироти сохтории бозорҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ, инчунин трансформатсияи рақамӣ, ки маҷрои ҳаёти аҳолии деҳот ва алоқамандии онҳоро бо шуғлварзӣ дар иқтисодиёти кишоварзӣ куллан дигаргун намуда истодааст, ба даст оварда шудааст. Механизми ташкилӣ ва принсипҳои нави рушди деҳот таҳия ва пешниҳодгардида метавонад формати муассири рушди иҷтимоии деҳоти ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро вобаста ба хусусиятҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ таъмин намояд. Ҳамзамон, навгонии таҳия гардида, дар раванди татбиқи сиёсати аграрӣ метавонад алоқамандии рушди иҷтимоии деҳотро бо баландбардории самаранокии иқтисодиёти кишоварзӣ бештар гардонад

4. Докторанти фалсафа бо истифода аз сабку услуби хоси муҳаққиқӣ ва методҳои маъмули иқтисодӣ вазъи ҳозираи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро мавриди таҳлил қарор дода, натиҷаҳои таҳлили асоснок кардашуда, ҷолибияти бахши таҳлили мавзуи таҳқиқотиро бештар намудааст. Мазмуни асосии ин навгонии илмии докторанти фалсафа дар он зоҳир мегардад, ки ӯ алоқамандии нишондиҳандаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳоти ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро бо нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи кишоварзӣ қиёс намуда, талъам будани онҳоро нишон додааст. Бахусус, таҳқиқи муносибатҳои кооператсионӣ, ҷалби сармоя ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҷолибияти илмии ин навгонии илмиро бештар намуда, инчунин истифодаи онро дар татбиқи барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мушоҳида намудан мумкин аст.

5. Дар навгонии илмии панҷуми докторанти фалсафа самтҳои асосии рушди муносибатҳои молиявӣ, иҷтимоӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои, амалисозии лоиҳаҳо ва барномаҳо, ки ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот тавассути методҳои воқеӣ самаранокии он ҳамчун таъминкунандаи рушди устувори иқтисодиёти

кишоварзӣ муайян карда шудааст. Ҳамзамон, бо истифода аз як қатор индикаторҳо (маҳакҳо) ва нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои хизматрасонӣ, хусусан хизматрасонии маишӣ ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, музди меҳнати минималии коргарон, инчунин сатҳи самаранкоии инфрасохтори иҷтимоӣ дар иқтисодиёти КАС таҳқиқ, ҳисоб ва муайян карда шудааст, ки рушди соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ ва самаранокӣ он дар НТҶ дар ҳолати рушди устувор қарор дорад ва холи (балли) миёнаи самаранокии он ба 8,41 баробар аст.

6. Навгони шашуми докторанти фалсафа дар натиҷаи истифодаи равишҳои таҳқиқи методӣ ҷиҳати коҳишдиҳии тафриқаи байни минтақаҳои деҳот ва шаҳр, нобаробарии имкониятҳои рушд ва таъмини шароитҳои худрушдёбии аҳолӣ тавассути ташкили объектҳои инноватсионии инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва ба ҳамин васила мусоидат намудан ба рушди уствори иқтисоди КАС ба тавсиб расонида шудааст. Докторант, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти худ мавқеи давлатро дар рушди иҷтимоии деҳот афзалтар дониста, модели идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таҳия намудааст. Ҷолибияти илмӣ ва амалии ин навгонии илмиро дар такмили механизмҳои танзими давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, бартараф намудани монеаҳо дар воридот ва содиротии маҳсулоти кишоварзӣ, таҳияи стандартҳои давлатии инфрасохтори иҷтимоӣ дар самти таъмини хуби ҳаёти аҳолии деҳот ва таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба содагардонии идоракунии соҳибкории хурду миёна дар рушди деҳот шарҳ додан мумкин аст. Қобили қайд аст, ки тавассути сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдаи миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола тамоюлҳои ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ барои рушди объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо суръати баланд афзоиш ёфта истодааст. Ба назари мо, ин навгонии илмии докторанти фалсафа Исматуллозода С.И. метавонад ба механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ таъсири мусбат расонида, рушди инфрасохтори инноватсионии ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро таъмин намояд.

*Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда*

Дар баробари ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин навгониҳои илмии ба дастовардашуда, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муҳтавои асосии диссертатсияро бо мушаххасоти лозима тавзеҳ менамояд, ки мазмуни онҳо дар диссертатсияи бо тартиби зерин таҳия гардидааст:

1. Дар нуқтаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда асосҳои назариявӣ, методологӣ, моҳият, мафҳум ва самтҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ, инчунин фарзияҳои илмӣ ва ақидаҳои назариявӣ омӯхта шудааст;
2. Дар нуқтаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда натиҷаҳои таҳлили вазъи ҳозираи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот оварда шуда, бо назардошти ҳолати иқтисодии мавҷуда самтҳои такмили он мураттаб гардидааст;
3. Дар нуқтаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда самтҳои асосии молиявӣ, иҷтимоӣ, захираҳои табиӣ, амалисозии лоиҳаҳо, барномаҳое, ки рушди

устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таъмин менамоянд, манзур гардидааст;
4. Дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда докторанти фалсафа натиҷаҳои таҳқиқотии худро ҷиҳати мукамалсозии моделҳои идоракунии давлатии ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот равона гашта, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллиро баланд мебардорад, пешниҳод намудааст.

### 5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зуҳур меёбад, ки муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ) мусоидат намуда, ҳамчун асосҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуи таҳқиқшаванда масъалаи калидии иқтисоддонҳо, мақомотҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ гардад.

Натиҷаҳои бадастовардаи докторанти фалсафа ҷиҳати таҳияи муайянсозии самтҳои афзалиятноки таъмини рушди иҷтимоии деҳот ҳамун манбаи асосии такрористеҳсоли ҷаъиятӣ ва иқтисодиёти кишоварзӣ, инчунин таҳияи методикаи таъмини самаранокии он аҳаммияти амалии таҳқиқотро ифода намуда, дар раванди таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин иқтисоддонҳо ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ матавонад истифода гардад.

**Аҳаммияти иқтисодии** таҳқиқот дар заминагузорӣ ба ташаккули соҳаҳои хизматрасон, ташкили ҷойҳои корӣ, ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ дар ташкили обеъктҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ тавассути мукаммалгардонии муносибатҳои кооператсионӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, тақвиятбахшии истеҳсолоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои хурди сатҳи минтақавӣ, мусоидат ба баландбардории самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақавӣ асос меёбад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар ташаккулдиҳӣ ва дастрасии аҳолии минтақа ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ дар асоси ташкили ҷойҳои кории нав, баландбардории сатҳу сифати зиндагии аҳолии деҳот ва таъсиси сарчашмаҳои даромади иловагӣ тавассути такмили механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ифода меёбад.

### 6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ

Барои ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия гузошташуда, равишҳои методӣ ва услуби инфиродии таҳқиқотӣ аз тарафи докторанти фалсафа истифодагардида имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои назарраси илмӣ дар самти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва таъмини самаранокии он дар заминаи рушди босуботи иқтисодиёти кишоварзӣ, афзоиши суръати

ташкили объектҳои иҷтимоӣ дар деҳот, ҷалби сармояи гуногунтаъинот ҳамчун омили рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо назардошти сабку усулҳои назариявӣ ва амалии марбут ба мавзуи таҳризшаванда, инчунин дигар масъалаҳои гузошташуда таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли худро пайдо намояд. Асоснок карда шудааст, ки ҷиҳати муайянсозии самаранокии иҷтимоӣ ва индикаторҳои он, таъмини мунтазами афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар минтақа зарур буда, ташкили сарчашмаҳои нави маблағгузориҳо ба объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар таъмини такрористеҳсоли иқтисодиёти кишоварзӣ саҳмгузор мебошад.

Дар диссертатсия вобаста ба натиҷаҳои ба дастовардашуда тавсия шудааст, ки барои иҷроиши вазифаҳои асосии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин фароҳам овардани шароитҳои мусоиди зисту зиндагонии аҳолии деҳоти минтақа ҷалби сармояи дохилӣ ва фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати таъсис додани ташкилоти минтақавӣ ва ҷамъиятҳои ғайридавлатӣ ба монанди фонди махсуси «Манзил» тавсия карда шудааст.

Дараҷаи асоснокии мазмун, моҳият ва мундариҷаи диссертатсия, инчунин хулосаву тавсияҳои дар он инъкосёфта зимни арзёбии шароит ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои боэтимод, арзёбии натиҷаҳои таҳқиқот дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун, мушоҳидаи шахсии докторант, инчунин истифодаи усулҳои маъмули таҳқиқотии инфиродӣ ва нашри маводи илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот ифода меёбанд.

Асоснокии хулосаву тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, собит менамоянд, ки докторанти фалсафа, маводҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқону иқтисоддонҳои ватанию хориҷиро доир ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он васеъ ва бомаврид истифода намудааст.

### 7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот

Марҳилаҳои таҳияи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мазъуъ, муайян намудани мақсад, объект, предмет, вазифаҳои таҳқиқот, асосноккунии заминаҳои илмӣ, муайянкунии муқарраротӣ ва интихоби усулҳои таҳқиқоти илмӣ, таҳияи рисола, хулосаву тавсияҳои амалӣ мустақиман бо иштироки худи докторанти фалсафа сурат гирифтааст. Саҳми довталаби дараҷаи илмӣ дар муайянсозӣ ва асоснокунии назариявии инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, мушкилот, нақш ва вазифаҳои функсионалии руди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, таҳлили ҳолати муосири рушди иқтисоди кишоварзӣ ва дар заминаи он муайян намудани тамоюли рушди объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳоти минтақа, таҳлили қиёсии намудҳои асосии рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар деҳот, муайянсозии самтҳои асосии рушди устворӣ инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо таваҷҷуҳ ба истифодаи услубҳои муайянкунии самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот мушоҳида мегардад. Инчунин, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот барои

рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он дар минтақа имконият фароҳам овардааст.

Натиҷаҳои илмие, ки дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ докторант Исматуллозода С.И. ба даст овардааст, метавонад барои васеъгардонии доираи таҳқиқи дигар паҳлӯҳои назариявӣ, методӣ ва амалии рушди инфрасохтории иҷтимоии деҳотро дар минтақа ҳамчун асоси таъминкунандаи рушди устувори иқтисоди кишоварзӣ мавриди истифорда қарор дода шавад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Сатҳи интишороти докторант собит менамояд, ки тасдиқи натиҷаи фаслҳои рисолаи диссертатсионӣ дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун матраҳ гардида, хулоса, пешниҳодҳо ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот эътирофи худро ёфтаанд.

Докторанти фалсафа аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ нашр намудааст, ки аз он ҷумла 9 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва амалию ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат менамояд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия мантиқ, тартиби таҳқиқот ва алгоритми ҳалли масъалаҳои гузошташударо инъикос мекунад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, рӯйхати интишороти муаллиф иборат мебошад. Диссертатсия дар 170 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардида, аз 15 расм, 3 диаграмма ва 48 ҷадвал иборат аст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи коркарди он, мақсаду вазифаҳо, объекти предмети таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои илмӣ асоснок карда шудаанд (саҳифаҳои 4-12).

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот», моҳият, мафҳум ва самтҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, мушкилот, нақш ва вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, инчунин таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ҷиҳати интихоб ва татбиқи паҳлӯҳои муфиди модели кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Дар зербоби 1.1. диссертатсия докторант моҳияти асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар таҳкими такрористеҳсоли иқтисоди кишоварзӣ муайян намуда, асоснок намудааст, ки афзоиши иқтисодӣ, равандҳои гуногунҷабҳаро дар бар мегирад, ки барои дигаргуншавиҳои

сохторӣ ва институтҳои иҷтимоӣ, рафтори коргарон, иҷрокунандагон ва таъмини рушди иқтисодӣ аз байн бурдани нобаробарӣ, коҳиш додани дараҷаи бекорӣ ва камбизоатӣ мегардад (саҳ. 16). Дар асоси чунин моҳияти иқтисодӣ бо таваҷҷӯҳ ба ақидаҳо ва натиҷаҳои татбиқгардидаи назариявии иқтисоддонҳои ватанию хориҷӣ мафҳуми рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он возеҳ гардидааст. Ба ақидаи докторанти фалсафа инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи объектҳое мебошанд, ки барои қонеъгардонии талаботи одамон хусусан сокинони деҳот, инчунин таъминкунандаи сатҳи муайяни зиндагӣ, тарбияи такрористеҳсолёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳаёти инсон ба хусусиятҳои хоси иқтисоди бозори мебошад (саҳ.21), ки чунин таълифот хоси рушди устувори иқтисодиёти КАС мебошад.

Дар зербоби 1.2. докторант мушкилоти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии онро дар минтақаи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян ва тавсиф намуда, вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти минтақаро бо назардошти таҷдиди технологии иқтисодиёти КАС ва дигаргуншавиҳои сохтори бозори меҳнат ва бозори истеъмолии аҳолии асоснок намудааст (саҳ. 26-35).

Дар зербоби 1.3. докторант моделҳои хориҷии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар асоси истифодаи як яккатор омилҳои институтсионалӣ-ташкилӣ таҳқиқ намуда, паҳлӯҳои муфиди онро барои татбиқ намудан дар ноҳияҳои тобеии ҷумҳурӣ асоснок ва пешниҳод намудааст (саҳ. 36-48). Ҳамзамон, алоқамандии самаранокии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро бо таъмини рушди босуботи иқтисодиёти кишоварзӣ муайян намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия «Ҳолати кунунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот» масъалагузорӣ гардида, равандҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ тавассути усулҳои маъмули таҳлили иқтисодӣ муайян карда шудааст. Аз ҷумла, тамоюли рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳолат ва сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, рушди соҳаҳои асосии инфрасохтори иҷтимоӣ, рушди хизматрасониҳои соҳаи манзилию коммуналӣ дар деҳот таҳқиқ карда шуда, ҳолати иқтисодии инфрасохтори иҷтимоии деҳот таҳлил карда шавад (саҳ. 51-88).

Дар зербоби 2.1. рушди соҳаи кишоварзии минтақа таҳлил гардида, тамоюлҳои рушди нишондиҳандаҳои асосии соҳаи кишоварзӣ ба монанди заминҳои аҳаммияти кишоварзидошта ва истифодаи онҳо аз рӯйи субъектҳои иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулнокии кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, инчунин заминаҳои моддӣ-техникии корхонаҳои кишоварзии минтақа муайян карда шуда ва мавқеи инфрасохтори иҷтимоии деҳот асоснок карда шудааст (саҳ.51-62).

Инчунин, дар зербоби 2.2. диссертатсия бо истифода аз сабки хоси инфиродӣ ва усулҳои маъмули таҳлили иқтисодӣ, докторанти фалсафа ҳолати воқеии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳлил намуда, тамоюлҳои қиёсии афзоиши шумораи объектҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангию маънавӣ ва хоҷагии манзилиро дар алоқамандӣ бо буҷети маҳаллӣ ва сармоягузориҳои иловагӣ дар шакли механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ таҳлил намуда, натиҷаҳои аҳаммияти амалидоштаро ба даст овардааст.

Дар сахифаҳои 82-88 докторанти фалсафа тавассути равиши методӣ ва мушоҳидавӣ раванди рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро-шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро аз рӯйи шумораи аҳолӣ то 300 ҳазор нафар, теъдоди мақомотҳои худидоракунандаи давлатӣ, масоҳати заминҳои аҳаммияти кишоварзидошта бо ҳаҷми буҷети маҳаллӣ таҳқиқ намуда, натиҷаҳои муфид ва назаррасро барои истифодаи амалӣ ба даст овардааст.

Дар зербоби 2.3. бо истифода аз усули таҳлили дедуксия, докторанти фалсафа барои муқаррароти умумӣ нишондиҳандаҳои ҳолати афзоиши аҳолии ҷумҳурӣ ва ноҳияи тобеи ҷумҳурӣ, хаҷми харочоти буҷети шаҳру ноҳияҳои минтақа, ҳаҷми маблағгузориҳои маҳаллӣ ба рушди объектҳои иҷтимоӣ, ҳаҷми умумии хизматрасониҳои маишӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, сатҳи зиндагии аҳолии минтақаи таҳқиқшавандаро мавриди таҳлили чуқур қарор додааст. Вобаста ба натиҷаҳои таҳлил, докторант дуруст қайд намудааст, ки сарчашмаи асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мебошад. Инчунин, асоснок намудааст, ки дар баробари маблағгузориҳои давлатӣ барои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот хизматрасониҳои иҷтимоии пулакӣ низ тамоюлҳои афзоиш дорад. Масалан, дар солҳои таҳлилшуда хизматрасониҳои иҷтимоии пулакӣ дар шаҳри Турсунзода 4,5 маротиба, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Лахш мутаносибан 2,2 маротиба афзоиш ёфтааст (саҳ.87-88).

Дар боби сеюм «Самтҳои асосии рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот, дурнамо ва самаранокии он» мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, масъалаҳои рушди босуботи кишоварзӣ, ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун омили асосӣ, услубҳои муайянкунандаи самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, инчунин мукаммалгардонии идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити гуногуншаклии моликият таҳқиқ ва асоснок карда шудааст (саҳ. 92-144).

Дар зербоби 3.1. вобаста ба натиҷаҳои таҳлилии ба дастовардашуда, дурнамои намудҳои хоҷагиҷорӣ, гурӯҳбандии музди меҳнати кормандони соҳаи кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ, таъминоти техникаи кишоварзии ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ҳисоб намуда, собит намудааст, ки дурнамои соҳаи кишоварзӣ инъикоскунандаи рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот мебошад (саҳ.100).

Дар зербоби 3.2. докторанти фалсафа бо мақсади ҳамгироии иҷтимоию иқтисодии деҳот, рафъи тафриқаи иҷтимоӣ, соддагардонии дастрасии аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ модели ташаккулдиҳии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таҳия намудааст (саҳ.102-104). Ҳамзамон, докторант барои беҳтар намудани ҳолати ҳозира ва таъмини рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ки маблағгузориҳои иловагиро талаб менамояд, инчунин дар асоси динамикаи маблағгузории буҷетӣ, ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ, татбиқи лоиҳаҳо ва дигар маблағгузориҳоро ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дурнамои онро то давраи 2030 таҳия ва пешниҳод намудааст (саҳ.114-116). Ба назари мо, чунин ақидаи илмӣ, натиҷагирии таҳқиқотӣ ва равиши барномавию лоиҳавии объектҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳот, бахусус барои шароитҳои шаҳру ноҳияҳои тоби ҷумҳурӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Дар зербоби 3.2.1. методҳои (услубҳои) маъмули муайянкунии самаранокии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва натиҷаву мушоҳидаҳо аз мубоҳисаҳои гуногуни иқтисоддонҳо ва кишоварзон оварда шудааст. Аз муҳтавои диссертатсия ва таҳлилу нуқтасанҷишиҳои докторанти фалсафа маълум кардан мумкин аст, ки ҳар як методи истифодашуда ягон сатҳи алоҳидаи самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар иқтисоди кишоварзӣ муайян менамояд. Ба андешаи докторанти фалсафа, мувофиқтарин услуб барои арзёбии самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ, ин равиши «вазъиятӣ» мебошад, ки дар баҳодиҳии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мувофиқ мебошад (саҳ. 117-126).

Дар зербоби 3.3. диссертатсия ба докторанти фалсафа муяссар гардидааст, ки ҷиҳати мукаммалгардонии идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити гуногуншаклии моликият самтҳои асосии идоракунии давлатиро ҷудо намуда, мушкилоти таркибии сиёсати иҷтимоии давлатро ошкор намуда, сохтори ба танзимдарории идоракунии давлатии соҳаҳои инфрасохтори иҷтимоии деҳотро тасвир ва асоснок намояд (саҳ. 131-135). Вобаста ба омилҳои ҷойгиршавӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои рушди ояндаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ, ҳавасмандии аҳолӣ ба ободгардонии маҳалҳои худ ва ҷиҳати фаъолгардонии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъсиси ташкилоти соҳавии хизматрасони иҷтимоии таъминкунандаи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти минтақа пешниҳод гардидааст (саҳ.137-144).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст ва бо хулосаҳои асосӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок ва тавсияҳои судманд барои рушди минбаъдаи инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он дар минтақа пешниҳод карда шудаанд (саҳ.148 - 153).

## 10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертасия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30-уми июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати Комиссия аз 31-уми марта соли 2022, № 3)

таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

### 11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Тахассуси илмии Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6D050608 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад.

### 12. Эрод ва холатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсияи тақризшаванда

1. Дар боби якуми диссертатсия паҳлуҳои назариявии таҳқиқот нисбатан нокифоя оварда шуда, инчунин хулосаи ҳамин боби диссертатсия возеҳ буда, мантиқи хулосавии заиф дорад;

2. Зербобҳои боби дуюм хусусияти маълумотдиҳӣ ва таҳлили умумӣ доранд. Хуб мебуд, агар докторанти фалсафа зербобҳои 2.1. ва 2.2. якҷоя намуда, алоқамандӣ ё вобастагии омилҳо, шароитҳо, захираҳо ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоии деҳотро бо нишондиҳандаҳои истеҳсолии иқтисодиёти кишоварзии минтақаро муқоиса намуда, самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар рушди устувори кишоварзӣ муайян менамуд;

3. Дар зербоби 3.2. саҳ. 104, расми 3.1 докторант модели ташаккулдиҳии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро тасвир намудааст. Мутаассифона шарҳу тавзеҳоти ин модел нокифоя пешниҳод карда шудааст;

4. Докторанти фалсафа кушиш намудааст, ки методи муайянсозии самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таҳия намояд (саҳ.126.). Аммо, маълумоти умумӣ ва тавзеҳоти баёнгардида барои методи таҳқиқотӣ ё методи инфиродии муаллиф шуда наметавонад.

Дар маҷмуъ, эродҳои баёнгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, сифати аслӣ ва арзиши рисолаи диссертатсияи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад.

### 13. Хулоса оид ба диссертатсия

Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он, Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло, сазовори

дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 таҳия, муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Аҳмадов Раҳимҷон Раҷабович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ гардидааст (Протоколи № 7 аз 6 марти соли 2026).

Дар ҷаласаи васеи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар омӯзгорони кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ.

Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» - 10 нафар;
«зид» – нест;
«бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа**
мудири кафедраи идоракунии давлатӣ
ва маҳаллӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент Султонбии Раҳматзода

**Ташхисгар**
дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ
ва маҳаллӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Аҳмадов Р.Р.

**Котиби ҷаласа**
дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ
ва маҳаллӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ Раҷабов Қ.Қ.

Имзоҳои н.и.и., дотсент С. Раҳматзода, н.и.и.,
дотсент Қ.Қ. Раҷабов ва н.и.и., дотсент Р.Р. Аҳмадовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj; сомонаи расмӣ: https://tnu.tj/index.php/tj.

«10» 03 соли 2026